# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-066-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ АЗ РУЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз «29» ноябри соли 2025, таҳти №24**

Барои сазовор донистани Қодирӣ Назира Дадозода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05- Психологияи иҷтимоӣ

Диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «**Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, 30-юми августи соли 2025, суратмаҷлиси №17 аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.07.2024 с., №223) ба ҳимояи қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қодирӣ Назира Дадозода, соли таваллудаш 1986 , шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2006 Омӯзишгоҳи педагогӣ (ҳоло Коллеҷи омӯзгории МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров")-ро аз руйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик, соли 2012 факултети филологияи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"-ро аз руйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ва соли 2018 магистратураи факултети педагогии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"-ро аз руйи ихтисоси психолог -мушовир хамт намудааст.

Тибқи нақшаи таълимии шуъбаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии Донишгоҳ аз ҷониби унвонҷӯ имтиҳонҳои минимумии номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ), санаи 12 уми декабри соли 2019, бо баҳои 5 (аъло) ва аз фанни таърихи фалсафаи илм, санаи 08 октябри соли 2019 бо баҳои 4(хуб) супорида шудаанд. Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҳти № 1 аз 08.12.2020, таҳти № 7 аз санаи 15.01.2020 дода шудааст.Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони донишгоҳ аз 30.05.2019 таҳти № 426 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**:

**Юнусова Нафисахон Муродовна** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

- **Саидов Азамат Азаматович** – доктори илмҳои психологӣ, профессор, декани факултети педагогикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Каттакӯрғон (Ҷумҳурии Узбекистон).

- **Абдурашитов Наимджон Фозилович** – номзади илмҳои психологӣ, мудири шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

- **Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои психологӣ Г.Н.Абдураҳмонов омода карда шуда ва дар семинари васеъи илмӣ-назариявии кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо роҳбарии раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ф.О. Раҷабова имзо гардида ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, Ж.Б.Гулназарзода доктори илмҳои филологӣ, профессор, тасдиқ шудааст.

Дар тақризи худ қайд менамоянд, ки диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «**Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон**» ба бандҳои 76-79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қодирӣ Назира Дадозода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда, он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси психология корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Қодирӣ назира Дадозода алоқамандӣ доранд.

Довталаб 11 маводи чопӣ дорад, ки аз инҳо 6-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои чопшудаи муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шуданд: МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД:**

***1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда нашр шудаанд:***

[1-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Нақши психодиагностика дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 273-277. (ISSN 2074-1847)

[2-М]. Бободжонова, Н.Д. Формирование нравственных качеств личности у подростка в процессе обучения [Текст] / Н.Д. Бободжонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: "Сино", – 2020. – №7. – С. 256-259. (ISSN 2074-1847)

[3-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Мушкилии худидоракуниҳо ва худташкилдиҳиҳои наврас дар инкишофи ҳиссиёти ахлоқии ӯ дар оила [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №3-4 (7-8). – С. 160-166. (ISSN 2708-5759)

[4-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Вазъи ҳозираи тадқиқи оила ҳамчун омили асосии тарбияи наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №2 (12). – С. 89-97. (ISSN 2708-5759)

[5-М]. Юнусова, Н.М., Бобоҷонова, Н.Д. Оила ҳамчун ниҳоди таъсиррасон дар рушди ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон [Матн] / Н.М. Юнусова, Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №10. – С. 276-283. (ISSN 2074-1847)

[6-М]. Манонова, Р.Д., Бобоҷонова, Н.Д. Омӯзиши хусусиятҳои эҷодии фаъолияти наврасон дар илми психология [Матн] / Р.Д. Манонова, Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №4-2 (18). – С. 245-250. (ISSN 2708-5759)

***2. Маводҳои дар дигар нашриёҳо чопшуда:***

[7-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Ташаккули шахсияти инсон аз назари мутафаккирони форсу тоҷик [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Маводи конфронси илмӣ-амалии умумидонишгоҳии "Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон" бахшида ба 85-солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва 70-солагии дотсент Ҳакимова Мунаввара Бақоевна. – Хуҷанд, 2016. – С. 405-412.

[8-М]. Фозилова, М.Ҷ., Бобоҷонова, Н.Д. Хусусиятҳои психологӣ ва тағйироти синни наврасӣ [Матн] / М.Ҷ. Фозилова, Н.Д. Бобоҷонова // Дар пайроҳаи илм. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 179-186.

[9-М]. Бобоҷонова, Н.Д., Фозилова, М.Ҷ. Агрессия ва зуҳуроти он дар раванди ташаккули шахс [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова, М.Ҷ. Фозилова // Дар пайроҳаи илм. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 174-178.

[10-М]. Мамадалиева Г.А., Бободжонова, Н.Д. Проблемы детско-родительских отношений и благополучие ребенка в семье [Текст] / Г.А. Мамадалиева, Н.Д. Бободжонова // Актуальные вопросы лингвистики. Теории перевода и методики преподавания русского языка. – Худжанд: "Нури марифат". – 2022. – С. 66-70.

[11-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Ташхиси мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Материалы XIII Международной научно-практической конференции «Наука и образование в современном мире: вызовы XXI века». IV том. (27-31 май, 2023г.). – Казахстан, Астана, 2023. – С. 15-18.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- **доктори илмҳои психологӣ**, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи инноватсияи иҷтимоии ш.Тошкент - Қодиров К.Б., ки эродҳо чунинанд:

1. Дар матни автореферат ғалатҳои гуногуни техникӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебуд.
2. Беҳтар мебуд, ки муаллифи диссертатсия барномаеро оид ба масъалаи муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон барои волидон месохт.

- **доктори илмҳои психологӣ**, профессор, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро- Назаров А.М. .Чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

1. Омӯзиши муҳити психологии оилаҳои Ҷумҳурии ҳамсоя ба монанди Ӯзбекистон ва тақозои он бо оилаҳои тоҷикистонӣ метавонад дарояндаи натиҷаи муҳимро дар илми психология ба бор орад.
2. Номугӯйи на ҳама адабиёти дар бахши омӯзиши мавзуъ овардаву мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар рӯйхати адабиёт оварда шудааст.

- **доктори илмҳои психологӣ**, профессори кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов- Қодиров О.С. Дар тақриз чунин эродҳо дида мешавад:

1. Автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онро зарур мешуморам.
2. Тестҳое, ки дар таҳқиқоти илмӣ истифода шудааст хело ҷолиб ва аҳамиятбахш мебошанд ва агар онҳоро ба таври маводи методӣ аз чоп мебаромаданд ба манфиати кор мебуд.
3. Дар оянда тавсия медиҳем, ки таҳқиқоти психологиро бо дигар кишварҳо масалан, Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузаронидан мумкин аст, ки арзиши илмиаш боз ҳам баландтар мегардад.

– **номзади илмҳои психологӣ**, муаллими калони кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ – Қурбонов Н.Ф. **(эрод надорад, мусбӣ арзёбӣ шудааст).**

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

-Муҳити солими психологӣ дар оила ҳамчун омили муҳим ва шарти ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон дида баромада мешавад. Таъсири муносибатҳои байнишахсӣ ва фазои психологии оила ба раванди ташаккули шахсият ва ахлоқи наврасон муайян мегардад.

-Сатҳи эътимоднокӣ, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар оила метавонад ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврас аз ҷиҳати мусбӣ мусоидат намояд, дар ҳоле ки муҳити низоъ ангез ва ноустувор метавонад сабаби ташаккули стресс ва ихтилофоти дохилии ӯ гардад.

-Муносибатҳои оилавӣ ва усулҳои тарбиявӣ, бевосита, ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ, аз ҷумла ҳамдардӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоӣ, таъсир мерасонанд.

-Омилҳои муҳимми ташаккули муҳити солими психологӣ дар оила, сатҳи маърифати психологӣ ва фарҳанги муошрати аъзои оила мебошанд. Истифодаи равишҳои илмӣ дар муошират ва тарбияи кӯдакон метавонад равандҳои ташаккули ахлоқиро дар наврасон самараноктар гардонад.

-Таҳия ва татбиқи барномаҳои махсуси машваратӣ ва психологӣ барои беҳтар намудани муҳити психологии оилаҳо ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии волидон оид ба тарбияи ҳиссиёти ахлоқии наврасон мусоидат менамояд.

-Ташкили машғулиятҳои назариявию амалӣ дар асоси барномаҳои таълимӣ оид ба рушди қобилиятҳои эмотсионалӣ ва ахлоқии наврасон дар муассисаҳои таълимӣ, дар ҳамкорӣ бо равоншиносон ва мутахассисони соҳаи педагогика метавонад ҳамчун воситаи иловагии дастгирии муҳити солими психологӣ дар оила хизмат намояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада дар раванди таълими барномаҳои таълимии соҳаи психология мавриди тадрис қарор хоҳанд гирифт. Ҳамчунин, дар татбиқи амалии муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дар самти танзими муносибатҳои оилавӣ ба тасвиб расидаанд, иттилооти таҳқиқот метавонад маводи заруриро пешниҳод намояд. Илова бар ин, истифодаи маводи таҳқиқот дар самти тарбияи психологӣ, маърифатӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард. Корбурди натиҷаҳои таҳқиқот дар коркарди барномаҳо барои оилаҳои ҷавон, волидайн, мушовири оилавӣ, машварати равонӣ бо наврасон ҳамчун асос муфид мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар рисолаҳои илмии минбаъда дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таълими курсҳои психологияи муносибатҳои оилавӣ, психологияи иҷтимоӣ, психологияи синнусолӣ ба таври васеъ истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, аз ҷумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон; тарафи иртиботии муошират (хусусиятҳои хоси робитаҳои байни одамон; намудҳои иртибот; воситаҳо: иртиботи шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ; самаранокии раванди иртиботӣ; хусусиятҳои иртиботи оммавӣ); тавсифдиҳандаҳои иҷтимоӣ-психологии низоъҳои иҷтимоӣ ва байнишахсӣ; *банди* 3 – Психологияи иҷтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳ ҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи иҷтимоӣ; таснифоти гурӯҳҳо; психологияи муносибатҳои байнигурӯҳӣ (механизмҳои идроки байнигурӯҳӣ; самаранокии фаворитизми дохилигурӯҳӣ ва табъизи байнигурӯҳӣ); *банди* 4 – Психологияи иҷтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва

гурӯҳ дар психологияи иҷтимоӣ; Ман-консепсия ҳамчун натиҷаи рушди иҷтимоии шахс; ҳувияти иҷтимоӣ ва шахсиятӣ ва худмуайянкунии ҳаётӣ; раванди иҷтимоишавӣ дар шароитҳои тағйирёбии ҷаҳон; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи иҷтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия; хусусиятҳои таҳқиқот ва корҳои амалии иҷтимоӣ-психологӣ дар шароитҳои тағйироти иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**.

Саҳми шахсии унвоҷӯ аз таъини мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Таҳқиқотҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб меёбанд.

**Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 29-уми ноябри соли 2025 қарори сазовор донистани Қодирӣ Назира Дадозода додани дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ қабул карда шуд.**

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13-нафар иштирок доштанд,ки аз ин шумора 1-нафар ба таври маҷозӣ, аз ҷумла докторони илм 2 нафар наздик ба ихтисоси диссертатсия. Аз **13-** нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор 13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раисикунанда, доктори илмҳои психологӣ, дотсент** — **С.Б. Бобоева**

**Котиби Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои психологӣ, дотсент** — **З.Р.Сафарова**

29.11.2025